«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, профессор
____________Фақеров Ҳ.Н.
«_28_» ____10______соли 2020

**Тақризи**
**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия**. Диссертатсияи номзадии Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои мубрами илм ва қонунгузории соҳибкорӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад.Мубрам будани мавзӯи тадқиқоти бо ҳолатҳои зерин асоснок карда шудааст:

а) пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва дар ин замина, рӯ овардани он ба низоми иқтисоди бозорӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд, ки чунин тағйиротҳо то ҳол дар сатҳи дахлдор ҳалли пурра ва ҳаматарафаи хешро пайдо накардаанд. Иқтисодиёти ҳама гуна давлатро низоми соҳибкории ташаккулёфта, ки дар он нақши муҳимро соҳибкории хурд ва субъектҳои гуногуни амаликунандаи он иҷро менамояд, ташкил медиҳад. Аз ин ҷо таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳалли проблемаҳои соҳибкории хурд ҳамчун омили болоравии сатҳи иқтисодиёти кишвар, асосҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкории хурд равона гардида, додани имтиёзҳои қарзӣ (кредитӣ) ва молиявии давлатӣ ба онҳо, муҳайё намудани шароит барои рушди соҳибкории хурд дар манотиқи кӯҳии кишвар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам ба шумор мераванд.

б) соҳибкории хурд аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ маҷмӯан таҳқиқ нашудааст, балки танҳо аз рӯйи равияҳои алоҳидаи илм, аз ҷумла равияҳои конститутсионӣ, гражданӣ, соҳибкорӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Чунин ҳолат бо назардошти рушди муносибатҳои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон зарурати таҳқиқи илмӣ ва танзими ҳуқуқии соҳибкории хурдро тақозо менамояд. Ҳарчанд ки ҳолати ҳуқуқии аксарияти субъектҳои соҳибкории хурд дар қонунгузорӣ муқаррар шуда бошад ҳам, вале амалияи

имрӯзаи ҳуқуқ зарурати баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии соҳибкории хурдро бо сабаби ноустуворӣ ва номукаммалии қонунгузорӣ тақозо менамояд. Аз ҷумла, таъмини мувозинати манфиатҳои хусусӣ ва оммавӣ дар доираи чунин танзимнамоӣ, ҳалли проблемаҳои танзими хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳо ҷиҳати рушди соҳибкории хурд, механизми ҳуқуқии ҷалби воситаҳои қарзӣ ва ғайраро талаб менамояд;

в) рушди соҳибкории хурд ба инкишофи рақобат мусоидат карда, қисмати зиёди аҳолиро ба шуғл, ҷойи кор таъмин намуда, барои таъмини босубот ва устувории иқтисодиёт мусоидат менамояд. Ҳалли масъалаҳои зикршуда танҳо бо роҳи татбиқи воситаҳои самараноки хислати ҳуқуқӣ-хусусӣ ва оммавӣ-ҳуқуқидошта, ки соҳибкории хурдро ҳавасманд ва дар ҳамин замина дастгирии ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурдро таъмин менамоянд, имконият дорад. Аз ин ҷо масъалаҳои омӯзиши раванди ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузорӣ, вазъи ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд, муқаррарнамоии навъҳо, шаклҳои дастгирии давлатӣ, аз ҷумла ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкории хурд, бартараф намудани маҳдудиятҳои беасос ва дар ҳамин замина таъмини минбаъдаи рушди самараноки танзими ҳуқуқии раванди амалинамоии соҳибкории хурд зарурати таҳлили илмиро талаб менамоянд.

Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо, ки ба бандҳои 10,11,12,13,14,15,16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» муайян карда шудаанд.**

Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти монографӣ дар шакли мукаммали илмӣ оид ба проблемаҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар ҶТ ба ҳисоб меравад. Дар он масъалаҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ ба инобат гирифта шуда, муаллиф мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд, мафҳум ва моҳияти ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд, ташаккул ва рушди қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории хурд, хусусияти ҳолати ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд, таҳлилҳои иқтисодӣ-ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳо, алоқамандии онҳо барои мусоидати рушди соҳаи соҳибкории хурд, асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурд ва шаклҳои ҳуқуқии онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст.

Барои омӯзиш асосҳои назариявии ҷанбаҳои иқтисодию ҳуқуқии соҳибкории хурд, аз ҷумла мафҳуми субъектҳои соҳибкории хурд ва вазъи ҳуқуқии онҳо, ошкор намудани доира ва муқаррар

намудани маҳаки ворид намудан ба сифати субъектҳои соҳибкории хурд, омӯзиши хусусият ва равиши фаъолияти ҳунармандӣ ҳамчун як навъи субъекти соҳибкории хурд, инчунин, проблемаҳои амалии соҳибкории хурд дар Тоҷикистон мавқеи афзалиятнок пайдо менамояд.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бодарназардошти таҳқиқи мантиқӣ тибқи усули илмии гузариш ба мафҳумҳои умумӣ ва мушаххас, пай дар ҳам таҳлил намудани қонунгузорӣ муайян карда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба проблемаҳои танзими комплекси ҳуқуқии соҳибкории хурд дар ҶТ ба ҳисоб меравад. Диссертатсия паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб дониста мешавад. Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1) Таҳлили моҳияти (мазмуни) иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкории хурд нишон медиҳад, ки соҳибкории хурд ҳамчун қисми таркибии соҳибкорӣ, соҳаи махсуси танзими ҳуқуқӣ ва аз ҷиҳати хусусият воҳиди маҷмӯӣ буда, моҳият ва мазмуни иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Моҳияти (мазмуни) иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкории хурд ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Моҳияти иқтисодии соҳибкории хурд дар тавсифи диалектикӣ ва бисёрмеъёрии рушди он зоҳир ёфта, ба сифати бахши мустақили иқтисодиёт барои ба даст овардани фоида равона карда шуда, бо дараҷаи баланди номуайянӣ ва таваккал, ҷавобгарӣ, қобилият ба ҷорӣ намудани навоварӣ ва ғайра асос меёбад.

2) Муаллиф мафҳуми зерини фаъолияти ҳунармандиро пешниҳод намудааст, ки барои рушди минбаъдаи қонунгузории ҶТ аҳамияти калон дорад: "Фаъолияти ҳунармандӣ – як навъи мустақили фаъолияти соҳибкории хурд оид бо тарзи дастии истеҳсолот ё ин ки бо истифодаи воситаҳои механиконии хурд дар асоси истифодаи

малакаи касбии эҷодӣ ва маҳоратнокии касбии истеҳсолӣ ё таъйиноти ороишотии дорои хусусияти муқарраршудаи инфиродии муайян мебошад".

3) Ҳавасмандии иқтисодию ҳуқуқии соҳибкории хурд нияти ҳуқуқии баамалбарории фаъолият оид ба таъсис ва баамалбарории фаъолияти соҳибкории хурд аз ҷониби субъектҳои он тибқи қонунгузорӣ дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории хурд мебошад. Ҳавасмандгардониҳои рушди соҳибкории хурд моҳияти иқтисодию ҳуқуқӣ дошта, онҳо дар алоқамандӣ қарор доранд. Онҳо ҳамчун чораҳои мусбати иқтисодию ҳуқуқӣ барои ноил гардидан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ гирифтани фоида равона карда шудаанд. Пешниҳоди мазкур хусусияти навгониро дорад.

4) Муаллиф мафҳуми зерини шакли ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурдро пешниҳод намудааст, ки барои рушди минбаъдаи қонунгузории ҶТ аҳамияти калон дорад: "Шакли ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурд чораҳои (усул, воситаҳои) аниқи дорои хусусияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ маҳдуд ва ҳавасмандкунандае мебошад, ки ба таъсис ва (ё) дастгирии сатҳи фаъолияти низоми субъектҳои соҳибкории хурд равона гардидаанд".

5) Бобати мукаммал гардонидани қонунгузории ҶТ дар бораи соҳибкории хурд пешниҳодҳои зерини муаллиф мубрам ва саривақтӣ мебошанд:

а) Бо мақсади бартараф намудани норасоиҳо дар танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд пешниҳоди муаллиф вобаста ба он, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи дастгирии соҳибкории хурд» қабул карда шуда, дар он масъалаҳои субъектҳо, маҳакҳое, ки ин ё он субъекти фаъолияти соҳибкориро ба субъекти соҳибкории хурд дохил намудан мумкин аст, дастгирии давлатии соҳибкории хурд, ҳавасмангардонӣ ва маҳдудиятҳо дар соҳаи соҳибкории хурд, таъмини иттилоотии соҳибкории хурд, иттифоқҳои (ассотсиятсияҳои) соҳибкории хурд ва ғайра пешбинӣ карда шавад, навгонӣ буда, қобили қабул аст.

б) Барои рушди соҳибкории хурд дар Тоҷикистон тавассути ҷалби давлат, бахши хусусӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва байналмилалии молиявӣ, яъне дар шакли омехта таъсис ва рушд додани фондҳои замонатӣ мувофиқи мақсад аст. Барои заминаи ҳуқуқии онро ба вуҷуд овардан қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи фондҳои замонатӣ» зарур мебошад. Дар он бояд асосҳои иқтисодию ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти фондҳои замонатӣ, шартҳои барпо намудани он, сармояи кафолатӣ, сарчашмаҳои ташаккул ва дараҷаи камтарини сармояи

оинномавӣ, тартиби додани замонат, ҷавобгарии фондҳои замонатӣ ва ғайра муқаррар карда шавад.

Нуктаҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар охири бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мазмун ва мухтавои асосии диссертатсия дар зиёда аз 12 мақолаи илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд.

Оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия муаллиф дар чандин семинар, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳо бо мавзуъҳои «Мушкилоти танзими ҳуқуқии инноватсия дар фаъолияти соҳибкорӣ» (ДМТ, 10-уми июни соли 2014); «Нақши Конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар ҶТ» (ДМТ, октябри соли 2016); «Нақши Паёми Президенти ҶТ дар инкишофи сиёсати ҳуқуқии кишвар» (ДМТ, 26-уми декабри соли 2016); «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ дар ҶТ» (ММҚ, 13-уми апрели соли 2017); «Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Асосгузори қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» бахшида ба Рӯзи Президенти ҶТ (ДМТ, 16-уми октябри соли 2017), «Рушди қонунгузори соҳибкорӣ тиҷора в сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии ҶТ» (ДМТ, 18-уми майи соли 2018), «Конститутсияи ҶТ ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба 25-солагии қабули Конститутсияи ҶТ» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (ДМТ, 30-юм октябри соли 2019) ва ғайра матраҳ шудаанд.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд. Асардуздӣ дар диссертатсия мушоҳида намешавад.

**Сатҳи асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯй.** Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия баён гардидаанд, пеш аз ҳама, тавассути таҳлили ақидаҳои илмии олимони

намоёни соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ, граждании, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида, мафҳумҳои илмӣ, мушкилоти гуногуни қонунгузорӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, мавриди таҳлили танқидӣ қарор додани ақидаҳои илмии ҷойдошта, вобаста ба масъалаҳои баҳснок муайян намудани мавқеи мустақили хеш, ки дар заминаи истифодаи номгӯи адабиёти гуногуни илмӣ ва амалӣ ба даст омадаанд, тасдиқ кардан мумкин аст. Ҳамзамон тавассути мақолаҳои дар матбуоти даврӣ интишоркардаи худи муаллиф асоснок кардани натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, ки онҳо оид ба санҷидашуда ва қобили қабул донисташуда, инчунин боварибахш будани хеш шаҳодат медиҳанд, тасдиқ кардан мумкин аст.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвоҷӯй, ки дар диссертатсия баён гардиданд.** Диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба проблемаҳои танзими ҳуқуқи соҳибкории хурд дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлуҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд таҳқиқ шудааст. Чунончи, муаллиф маҷмӯи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд:

а) таъсис ва рушд додани фондҳои замонатӣ ҷиҳати рушди соҳибкории хурд дар Тоҷикистон тавассути ҷалби давлат, бахши хусусӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва байналмилалии молиявӣ;

б) ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;

в) мафҳум ва вижагиҳои фаъолияти ҳунармандӣ, дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд ва шакли ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст;

г) қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи дастгирии соҳибкории хурд» асоснок карда шудааст;

д) ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» ворид намудани илова дар масъалаи баланд бардоштани маблағи сармояи оинномавии пешниҳоди асоснок карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ бо истифода аз ақидаҳои маъмули дар илм пазируфташуда, дар робита бо қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ исбот карда шудаанд. Онҳо дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар илм истифода мешаванд, навгонии илмӣ доранд.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.**

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар баробари муваффақиятҳои кор, инчунин баъзе камбудӣ ва масъалаҳои баҳснок низ ба назар мерасанд, ки муаллифи онро зарур аст, дар рафти ҳимояи ошкоро нисбати онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намояд.

1. Дар нуқтаи илмии дуюми ба ҳимоя пешниҳодгардида (саҳ. 8-9) баъзе масъалаҳо то дараҷае нофаҳмо ба назар мерасанд. Муаллиф дар онҷо қайд менамояд, ки таҳлили муносибати назариявӣ ва амалӣ оид ба муайян кардани субъектҳои соҳибкории хурд дар ҶТ ва таҷрибаи байналмилалӣ имкон медиҳад, ба хулоса оем, ки асос барои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд бояд муносибати омехта бошад, ки дар худ аломатҳои миқдорӣ ва сифатии тааллуқ доштани субъектро ба субъекти соҳибкории хурд ифода намуда, барои то дараҷае ба таври пурра ва объективона кушодани моҳияти иқтисодӣ-ҳуқуқии соҳибкории хурд ҳангоми барасмиятдарории ҳуқуқии он мусоидат намояд ва ба ягонагии равиши инкишофи қонунгузории ҶТ созгор бошад. Қобили зикр аст, ки омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ бо қонунгузории ватанӣ, натанҳо дар самти мазкур, балки дар дилхоҳ масъалаи ҳуқуқӣ аз манфиат холӣ нест. Ҳарчанд муқаррар намудани аломатҳои миқдорӣ ва сифатии тааллуқ доштани субъекти соҳибкорӣ ба сифати субъекти соҳибкории хурд дар сатҳи қонунгузорӣ ба мақсад мувофиқ бошад ҳам, аммо муаллифро зарур аст мавқеи хешро нисбати масъалаи мазкур равшантар баён намояд.

2. Боби сеюми рисолаи номзадиро диссертант "Асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд" номгузорӣ намудааст. Аммо, аз чӣ бошад, ки дар зербоби аввали боби мазкур дар баробари ҳавасмандгардонӣ, ки худ як навъи дастгирии давлатии ин субъектҳо эътироф мешавад, маҳдудиятҳои ҳуқуқиро низ ҷойгир намудааст. Боби мазкур, ки ба асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд бахшида шудааст, таҳлил ва мавриди омӯзиш қарор додани маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати рушди соҳибкории хурд баҳснок мебошад.

3. Муаллиф бо мақсади мукаммал кардани қонунгузории ҶТ дар бораи соҳибкории хурд пешниҳод мекунад, ки ба қ. 1, м. 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» илова ворид намуда, маблағи сармояи оинномавии он аз панҷсаад сомонӣ ба панҷ ҳазор сомонӣ баробар карда шавад. Ба андешаи мо дар ҳаҷми панҷ ҳазор сомонӣ низ муқаррар кардани сармояи оинномавии ин шакли ташкилӣ-ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ низ нокифоя буда, наметавонад манфиати кредиторонро ба пуррагӣ қонеъ гардонад.

Зимнан, бояд дар назар дошт, ки камбудиҳои номбаршуда танҳо аз ҷиҳати илмӣ баҳснок ба назар мерасанд ва чунин ҳолат ба ҳеҷ ваҷҳ баҳои умумии мусбии таҳқиқотро кам наменамоянд.

**Баҳои ягонагии дохилӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли проблемаҳои мубрами дахлдор, вазифаҳои назариявӣ ё амалӣ.** Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, ин сифати мусбии диссертатсияро таъмин намуда, минбаъд, дар таҳқиқоти илмии танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди муносибатҳои соҳибкории хурд мусоидат мекунанд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб меравaнд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи соҳибкорӣ курсҳои махсус, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди корбаст қарор гирад.

**Тасдиқи нашри нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар мақолаҳои илмӣ, ки рӯйхати онҳо дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия дарҷ ёфтааст, интишор шудаанд. Онҳо дар шакли маърӯза дар конференсияҳои илмиву амалии гуногуни ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешкаш шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор шудаанд, дар диссертатсия, аз ҷумла дар хулосаи он, инчунин дар автореферат дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифов Исмоил

Муҳибуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Рустамзода Ҷ.Ю. омода карда шуда, он дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ 16 октябри соли 2020 (протоколи №2) муҳокима ва дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 22 октябри соли 2020 (протоколи №3) ҷонибдорӣ карда шудааст.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,<br>
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти<br>
кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи<br>
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қудратов Н.А.

Ташхисгар, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи<br>
иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати<br>
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ Рустамзода Ҷ.Ю.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ,<br>
Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодии<br>
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ширинҷонов Ф.И.

«Имзои Қудратов Н.А., Рустамзода Ҷ.Ю.<br>
ва Ширинҷонов Ф.И.- ро тасдиқ мекунам»<br>
Сардори шуъбаи кадрҳо ва ҳуҷҷатгузории<br>
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мумтоз Назирӣ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½. Тел.: (+992 237) 234-83-46. E-mail: tguk@mail.ru http//www/tguk/ru